## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онхо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон" барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. - Педагогика. 5.3.5.3 - Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ

Рисолаи илмии Солеҳзода Шоира Солеҳ ба таҳқиқи масъалаи муҳим - асосҳои методии таълим ва омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар рушди фарҳанги нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Ташаббус ва ибтикороти муаллифи рисола дар ин самти илмӣ на танҳо таҳқиқи масъала, балки ба низом даровардани раванди таҳсил, пешниҳоди роҳу усули самарабахши таълим, омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар рушди фарҳанги нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти мавҷудияти асосҳои бунёдӣ ва методологии проблемаи мазкур таҳқиқи асосҳои методии таълим ва омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро дар рушди фарҳанги нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун падидаи нодир ва сарчашмаи бебаҳои арзишҳои маърифатӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл кардааст. Аз нигоҳи муаллиф, воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологизмҳо ҳамчун муҳимтарин воситаи муошырати фасеҳу балеғ ба ташаккул ва таҳкими ақидаҳо, нуктаи назар, тарбияи шахсияти бофарҳанг мусоидат намуда, омӯзиши мавзӯҳои таълимиро ҷолибу шавқовар мегардонад.

Таҳқиқи масъалаи ташаккул ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи таълим ва омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологизмҳои тоҷикӣ дар илми методикаи ватанӣ рисолаи илмии нахустин аст, ки аз ҷониби унвонҷӯй ба анҷом расидааст. Таҳқиқоти мазкур бо барномаҳо ва мавзуъҳои пажуҳиши илмӣ робитаи зич дошта,

натиҷа ва хулосаҳои он метавонад дар таҳия ва такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ҳамчун маводи пурарзиши илмӣ-методӣ истифода шавад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқи мавзуи диссертатсияи унвонҷӯй дар доираи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025-ум - «Масъалаҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик, услубшиносӣ. Ташаккули салоҳият ва таҳаммулпазирии муаллимони забон ва адабиёти тоҷик», иҷрои бандҳои талаботи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №647 ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба анҷом расидааст.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар илми методикаи ватанӣ роҳу усули ташаккул ва рушди фарҳанги нутқи хонандагони синфҳои болоиро дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои паремологӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронидааст. Дар рисола аҳаммияти афоризмҳо, фразеологизмҳо, зарбулмасал ва мақолҳо ҳамчун омили муассири ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон ва арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ҳини дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик таҳқиқи ҳамаҷониба пайдо кардааст.

Дар рисола низоми асосноки методӣ дар робита ба таҳлили лексикӣ-семантикии афоризмҳои тоҷикӣ таҳқиқ гардида, ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ шароити таълимии мусоид фароҳам меорад. Аз ҷониби муаллиф меъёрҳои интихоби асосноки афоризмҳо бо ҳадафҳои ташаккул ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон ва арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ муқаррар карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки низоми махсуси машқҳо таҳия ва пешниҳод гардида, сатҳи дониш ва малакаи хонандагон оид ба истифодаи афоризмҳо дар нутқ, нақшаи чорабинии беруназдарсӣ барои ташаккул ва такмили фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи афоризмҳои тоҷикӣ пешниҳод шудааст. Дар рисола роҳу усули таҳлили маънои вожаву ифодаҳо, такмил ва пурра кардани ҷумла ва матн, баёни мазмуну ғояҳои зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо, дарки воситаҳои образнок, эҷоди қиссаю ҳикояҳои кутоҳ аз ҷониби хонандагони синфҳои боло дар заминаи нақша бо истифодаи воҳидҳои паремиологӣ коркард ва пешниҳод гардидааст. Усулҳои хоси таҳлил ва таҳияи матн, нақли шифоҳӣ ва хаттӣ бо истифодаи афоризмҳо, фразеологизмҳо, зарбулмасалу мақолҳо аз навгонии комили диссертатсия маҳсуб меёбад.

Тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти таълим ва омӯзиши воҳидҳои перемиологӣ ва фразеологизмҳои тоҷикӣ дар мактаб собит сохт, ки дар заминаи ин унсурҳои пурарзиши забон хонандагон ба фазои салоҳияти муоширати сахеху фасеҳ, ҳусни баён, маданияти нутқ дар сатҳи талаботи стандарти фаннӣ ва барномаи таълим хуб ва амиқ ворид мешаванд.

Модели пешниҳодкардаи муаллиф дар раванди таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологизмҳои тоҷикӣ дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим, водор кардани хонандагон ба фикр кардан, рушди қобилияти интиқодӣ ва малакаҳои таҳлилӣ ба аҳаммияти муҳим доро буда, татбиқи амалии он ба фаъолмандии инфиродии муҳассилини мактаб мусоидат менамояд. Маводҳои дидактикии дар рисола ҷойёфта ба омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик дар ташкили бонизоми дарс ва машғулиятҳои амалӣ ёрии калон мерасонад.

Маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи рисоларо ғояи муаллиф бобати рушди фарҳанги нутқ, ҳусни баёну гуфтор ва муошират ҳамчун маҷмӯи маҳорату малакаҳои забондонии хонандагон дар заминаи омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологизмҳои тоҷикӣ ташкил

медиҳад, ки он ҳамзамон ба азхудкунӣ ва истифодаи меъёрҳои забон ва каломи модарӣ, маданияти нутқ, қоида ва меъёрҳои ҳусни муошират алоқаманд мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш, такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот дар доираи мавзӯъ ва ҳадафҳои пажуҳиш, таҳлили таҳия ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасдиқи пешбиниву андешаҳои фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия, тафтиши маводҳои озмоишӣ дар заминаи воҳидҳои паремиологи ва фразеологӣ, таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола асоснок шудааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз нигоҳи бунёдӣ, асоснокии ғояҳо ва мулоҳизоти проблемаи таҳқиқ, коркарди амсилаи консептуалӣ равшан ба назар мерасад. Чунин иқдом имкон фароҳам овардааст, ки дар партави таълим ва омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологизмҳои тоҷикӣ чун омили муассири рушди фарҳанги нутқ ва ҳусни баёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим дастуру тавсияҳои асоснок пешниҳод карда шавад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти пурра ба анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи методикаи таълими забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Он ба талаботи давру замон ва хоса дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати ҷустуҷӯи роҳу усулҳои пешқадами баланд бардоштани сатҳу сифати таълими забони тоҷикӣ, фаъолияти омӯзгорони ин фан дар самти ташаккул ва рушди маҳорат ва малакаи суханронӣ, баёни фасеҳ ва густурдаи матлаб мусоидат хоҳад кард.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда унвонҷӯй далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф дар самти тадқиқоти мазкур аз адабиёти илмии зарурӣ огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй тадқиқоти масъалаи

пешгирифтаро дар робита бо истифодаи технологияҳои муосири таълим, мувафаққона ва пурарзиш анҷом додааст.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба соҳаи шиносномаи ихтисоси 5.3. - Педагогика. 5.3.5.3 - Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқати комил дорад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи забоншиносии умумӣ ва
типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
**Телефон:** (+992) 918 50 63 18 (мобилӣ)
**E-mail:** snegmasi22@gmail.com

Имзои профессор С.Э. Негматовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э. Шодихонзода

04.03.2026